# ПРИНСИПҲО ВА МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ

## Лоиҳаи Арзёбӣ ва Таҳлил дар Тоҷикистон

Дар асоси қонунгузории Ҷуҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст

IFPRI CGIAR USAID FROM THE AMERICAN PEOPLE RESEARCH TODAY REVEAL TOMORROW ZERKALO ANALYTICS GROUP

# ПРИНСИПҲО ВА МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ

Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» **принсипҳо ва меъёрҳои** зерини этикии фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникиро муқаррар кардааст:

| Танқид ва мубоҳисаи созанда | Арзёбии ҳақиқати ақидаҳои илмӣ |
| --- | --- |
| • Муносибати боэҳтиромона нисбат ба муноқиз (оппонент), роҳбари илмӣ ва унвонҷӯ.<br>• Муқовимат намудан ба худкомагӣ дар илм.<br>• Худдорӣ аз усулҳои фишороварӣ ба муноқизи илмӣ. | • Новобастагӣ ба синну сол, ҷинс, нажод ва нуфузу унвонҳои корманди илмии ин ақидаҳоро асоснокkунанда.<br>• Озодии академӣ ҳангоми анҷом додани таҳқиқот.<br>• Ҳифз намудани ақидаҳои худ, новобаста ба ҳар гуна нуфузу вазъ.<br>• Эътирофи ҳатмии хатоҳои илмии худ.<br>• Шахсан масъул будан барои сифати муътамади иттилоот ва маҳсули фаъолияти илмӣ. |

IFPRI

CGIAR

# ПРИНСИПҲО ВА МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ (идома)

| Дастоварди умумӣ будани натиҷаҳои таҳқиқот | Беғаразии фаъолияти таҳқиқгар | Ошкоро будани таҳлили танқидии таҳқиқот |
| --- | --- | --- |
| • Ҳуҷҷатгузории пурраи натиҷаҳои илмӣ.<br>• Масъулияти шаҳрвандӣ ва ахлоқии таҳқиқгар барои оқибатҳои иҷтимоӣ ва экологии дар амал татбиқ намудани натиҷаҳо фаъолияти илмӣ.<br>• Таваҷҷӯҳ ба навоварӣ дар фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникӣ.<br>• Мусоидат намудан ба рушди илмии таҳқиқгарони ҷавон. | • Вобаста набудани ҳақиқати илмӣ ба ғаразу манфиатҳои шахсии таҳқиқгар.<br>• Роҳ надодан ба асардуздӣ.<br>• Софдилӣ, хоксорӣ ва хушмуомилагӣ дар муносибатҳои илмӣ.<br>• Риояи аниқи қоидаҳои ба даст овардан ва интихоб намудани маълумот, ҳифз ва нигоҳдории маълумот.<br>• Паҳн накардани маълумоте, ки бо шарти риояи махфият ба даст оварда шудаанд. | • Ошкоро будани натиҷаҳои фаъолияти илмӣ барои арзёбии танқидӣ.<br>• Огоҳонидани ҷомеа дар хусуси эҳтимолияти ба зарари инсоният истифода бурдани кашфиёти илмӣ. |

# БАЪЗЕ МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИИ НАШРИ МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ

| Меъёрҳои пешниҳод кардани мақола | Меъёрҳои тақриз |
|---|---|
| -Мақола бояд фақат натиҷаи таҳқиқотҳои аслии муаллиф(он) бошад.<br>-Пешниҳод намудани мақолае, ки пештар ба нашр нарасидааст.<br>-Ба иқтибосоварии нодуруст, дуздӣ ва иқтибосоварии аз ҳад зиёд аз асарҳои қаблии худ роҳ надодан.<br>-Дар рӯйхати адабиёт танҳо манбаъҳое оварда шаванд, ки воқеан дар рафти таҳқиқот истифода шудаанд ва бояд дар матни мақола ба онҳо истинод бошад.<br>-Маълумот ва далелу санадҳое, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, бояд аз сарчашмаҳои боэътимод бошанд ва дар матни мақола ба онҳо истинод бошад. | -Мақола ҳатман ба тақриз фиристода мешавад. Мақсади тақриз баён намудани ақидаи шахсии коршинос (муқарриз) дар бораи асолат, навгонӣ ва аҳамияти натиҷаҳои илмиву амалии бадастомада мебошад.<br>-Тақриз бояд беғараз бошад: мувофиқ наомадани мавқеи илмии муқарриз бо муаллиф(он) асоси баҳси илмӣ шуда метавонад, аммо наметавонад асоси кофӣ барои рад намудани чопи мақола бошад.<br>-Махфият дар тақриз шарт аст. |

IFPRI

CGIAR